## 21647 - Оё баъди аср хобидан макруҳ аст?

**савол**

Оё баъди аср хобидан макруҳ аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст: "Касе, ки баъди аср хобид ва ақлаш рабуда шуд, танҳо худашро сарзаниш кунад".   Шайх Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ассилсилатуз заъифа" (39) заиф гуфтааст.

Шайх Албонӣ фармуд:

Марвон ибни Муҳаммад ал-Асадӣ гуфт: Лайс ибни Саъдро дидам, ки дар моҳи рамазон баъди аср хобида буд, ба ӯ гуфтам: Эй падари Ҳорис! Ба ту чӣ шуд, ки баъди аср хоб мекунӣ, ҳол он ки Ибни Лаҳиъа (дар ин мавзӯъ) ҳадисеро ривоят кардааст...? (Он ҳадисро зикр намуд). Лайс гуфт: Он чиро, ки ба ман манфиъат мебахшад, ба хотири ҳадиси (ривояти) Ибни Лаҳиъа аз Уқайл тарк намекунам.

Гуфтам: Ба ман ҷавоби Лайс писанд омад. Зеро он ба фиқҳу илм далолат мекунад ва таъаҷҷубовар ҳам нест, чунки ӯ яке аз имомони мусалмонон ва фақеҳони машҳур ба ҳисоб меравад. Ман медонам, ки имрӯз бисёре аз донишмандон аз хобидан баъди аср худдорӣ мекунанд, гар чанде, ки ба он эҳтиёҷ дошта бошанд. Агар ба ӯ гуфта шавад: Ҳадис дар он (мавзӯъ) заиф аст. Дар ҳол ҷавоб мегӯяд: "Дар фазоили аъмол ба ҳадиси заиф амал карда мешавад".

Дар мавриди фарқияти фиқҳи салаф (гузаштагон) ва илми халаф (мутааххирин) андеша намо!

"Ассилсилатуз заъифа" (Рақами ҳадис: 39).